«Тасдиқ мекунам»:
Директори Институти
забон ва адабиёти ба номи
Рӯдакии АМИТ
д.и.ф. Шарифзода Ф.Х.
_______________________
«14» феврали соли 2024

# ХУЛОСАИ
# ШУЪБАИ ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКИИ АМИТ

Диссертатсияи «Таҳқиқи адабиёт ва фарҳанги мардуми эронӣ дар осори илмии В.А. Жуковский» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – **Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ)** дар шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ба анҷом расидааст.

**Алиев Султон Маҳмадшарифович** соли 2002 факултети забонҳои хориҷӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ. Ҷураев (ҳоло ба номи С. Айнӣ)-ро аз рӯйи ихтисоси филолог, муаллими забони англисӣ хатм карда, аз соли 2017 то соли 2021 ба ҳайси аспиранти шуъбаи ғоибонаи шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул гардидааст. Феълан ба ҳайси муаллими калони кафедраи забонҳои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият дорад.

Роҳбари илмии Алиев Султон Маҳмадшарифович доктори илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ **Юсуфов Умриддин Абдукофиевич** мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар шурои илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ аз 28.04.2017, қарори №1 тасдиқ шудааст.

Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертант Алиев Султон Маҳмадшарифович 7-уми феврали соли 2024, №1159 маълумотномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсия аз муқаддима ва се боб, 9 фасл, хулоса, ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Мавзуи мавриди таҳқиқ нав ва муҳим буда, унвонҷӯ кӯшиш кардааст, ки дар асоси маълумоти сарчашмаҳои адабию таърихӣ ҷойгоҳи

шарқшиноси барҷастаи рус В.А. Жуковскийро дар илми шарқшиносии рус муайян намояд. Зеро ин донишманди рус дар бахшҳои адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, таърихнишиносӣ, фолклоршиносӣ ва диншиносӣ таълифоти арзишманд таълиф карда, дар муайан намудани рӯзгор ва осори Анварии Абевардӣ, Абдуллоҳи Ансорӣ, Умари Хайём, Бобо Кӯҳӣ, Бобо Тоҳири Урён, Наҷмуддин Абубакри Розӣ, Хоҷа Муҳаммади Порсо, Муҳаммад ибни Мунаввар, Абусаиди Абулхайр ниҳоят бузург буда, навиштаҳои илмии ӯ дар илми шарқшиносии рус дар асри XIX аҳаммияти фавқулода доранд.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии** 10.01.03 – **Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ)** нишон дода шудаанд, комилан **мувофиқат мекунад**. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳо он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот:** Ҳадафи асосии рисола омӯзиши зиндагӣ, ҳаёти адабӣ, мероси боқимондаи олим ва муайян намудани арзиши таълифоти В.А. Жуковский дар заминаи осори боқимондааш мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф саъй намудаст, ки тамоюлҳои адабии муҳити илмии шарқшиносии русро дар охири асри XIX ва аввали асри XX дар зимни баррасии рӯзгор ва осори В.А. Жуковский ба силки таҳқиқ кашад.

Дар меҳвари асосии таҳқиқот ҳалли вазифаҳои зерин қарор гирифтаанд:

– мурур ба зиндагӣ ва ҷараёни рушди шахсияти илмии В.А. Жуковский;

– таҳқиқи масъалаҳо ва мушкилаҳои таълифоти илмии В.А. Жуковский дар заминаҳои адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, фолклор ва адабиёти ирфонӣ;

– таҳқиқи аҳволу ашъори Анварӣ ва Умари Хайём дар осори илмии В.А. Жуковский, ки дар ховаршиносии аз ҷумлаи таҳқиқоти нахустин ба шумор меравconfigured;

– баррасии адабиёти аҳди Сомониён аз дидгоҳи В.А. Жуковский;

– баррасӣ, тарҷума ва таҳқиқи осори тасаввуфии адибони форсӣ;

– таҳқики осори Абдуллоҳи Ансорӣ аз зовияи диди В.А. Жуковский;

– баррасии осори шифоҳии мардуми эронӣ ва гӯишҳои форсӣ аз ҷониби ховаршиноси рус;

– таҳқиқи масъалаҳои адабӣ дар осори таърихшиносӣ ва забоншиносии В.А. Жуковский;

–муайян намудани мақом ва ҷойгоҳи В.А. Жуковский дар илми ховаршиносони рус.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои таҳқиқ** аксари асарҳои В.А. Жуковскийро аз бойгониву музейҳо ва фондҳои донишмандони маъруф С.Ф. Олденбург ва М. Андреев пайдо намуда, мавриди баррасӣ қарор додааст.

Ҳамчунин ба саҳми В.А. Жуковский дар тарбияи эроншиносони ҷавон, ташкили мактаби илмии шарқшиносии рус дар Санкт - Петербург таваҷҷуҳ намуда, фаъолияти омӯзгорӣ ва созмондиҳии ӯ низ мавриди баррасӣ қарор додааст, ки барои муайян кардани ҷойгоҳи ӯ дар эроншиносии рус бисёр муҳим мебошад.

Муаллифи диссертатсия дар ҷараёни баррасии масъалаҳои ба мавзуи таҳқиқ рабтдошта аз асарҳои илмии адабиётшиносону шарқшиносони ватанию хориҷӣ ва осори таҳқиқотии В.А. Жуковский ва мактубу мақолаҳои интишорнамудаи ӯ дар маҷаллаҳои илмии Русия истифода намудааст.

**Асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ.** Асосҳои назариявии таҳқиқ ба равишу усулҳои пажӯҳишии олимони ватанӣ, чун А.Т. Тоҳирҷонов, М.Н. Усмонов, М. Муллоаҳмад, С. Забеҳуллоҳ, А. Мирзоев, А. Афсаҳзод, А. Сатторзода, Ш. Мухтор ва афкори назарии олимони хориҷӣ, аз ҷумла В.В. Бартолд, С.Ф. Олденбург, А. Кримский, В.Р. Розен, К.Г. Залеман, В.Ф. Минорский, И.Н. Березин, Б. Дорн, Н. Хаников, В.А. Иванов, В.В. Григорев, Е. Э. Бертелс, Ю.Н. Марр, К. Чайкин, А. Семенов, А.А. Ромаскевич, М.Н. Боголюбов, В. Истрин, Ю.Э. Боршевский, О.И. Смирнова, П.П. Бушев, С.М. Шапшал, М.М. Умняков, А.М. Мугинов, ва дигарон такя мекунад.

**Нововарии илмии таҳқиқ**. Нововарӣ ва аҳаммияти илмии рисолаи мавриди таҳқиқ қарор гирифта аз он иборат аст, ки дар он бори нахуст дар адабиётшиносӣ ҷузъиёти зиндагонӣ, таҳқиқот ва осори илмии яке аз эроншиносони тавонои охирҳои асри. XIX ва аввалҳои асри XX-и рус В.А. Жуковский ва хусусияту методҳои омӯзиши он ба таври монографӣ ва ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ гардидааст. Дар рисола ба ҷуз аз осори адабиётшиносӣ, ҳамчунин дар бораи рисолаҳои ва мақолаҳои таърихшиносиву забоншиносӣ ва мардумшиносӣ (этнографӣ)-и муҳаққиқ ба таври муфассал таваққуф карда шудааст.

Диссертатсияи номзадии Алиев Султон Маҳмадшарифович аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назарӣ ва амалиаш** дар он зоҳир меёбад, ки хулоса ва маводи таҳқиқи рисола барои густариши робитаҳои илмии Тоҷикистон, Эрон ва Россия, инчунин омӯзиши минбаъдаи таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ва ховаршиносии рус ва таълифи асарҳои марбут ба ин давра

хидмат карда метавонад. Аз маводи рисола инчунин барои таълифи китобҳои дарсӣ, хондани лексияҳо, гузаронидани семинарҳо дар факултетҳои филологии мактабҳои олӣ доир ба масъалаи ховаршиносии рус ва Аврупо метавон истифода бурд.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Алиев Султон дар 5 мақолаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда банашррасида ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва авторефератро инъикос менамоянд ва рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

[1-М]. Алиев, С.М. Валентин Алексеевич Жуковский – муҳаққиқи адабиёти форсии тоҷикӣ [Матн] / С.М. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/7.–С. 203-205.

[2-М]. Алиев, С.М. Умари Хайём дар чашмандози илмии В.А. Жуковский [Матн] / С.М. Алиев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 5-1 (77). – С. 184-187.

[3-М]. Алиев, С.М. Саҳми В.А. Жуковский дар шинохти Анварӣ [Матн] / С.М. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ.– Душанбе, 2018. – № 5. – С. 179-183.

[4-М]. Алиев, С.М. Зиндагиномаи ховаршиноси мумтоз [Матн] / С.М. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №6. – С. 196-201.

[5-М]. Алиев, С.М. Ҳаёт ва фаъолияти В.А. Жуковский [Матн] / С.М. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №1.– С. 187-196.

Масъалаҳо ва натиҷаҳои асосии рисола дар конфронсҳои сатҳи Ҷумҳуриявию байналмилалӣ Маркази нашрияҳои пешрафтаи илмӣ. ш.Москва (30.11.2023), Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (21.12.2023) ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (22.12.2023) матраҳ гардидаанд.

**Натиҷаҳои таҳқиқро** зимни пажуҳиш дар самтҳои дигар, аз ҷумла забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, шевашиносӣ, таърих, фолклор ва ирфону тасаввуф ва ғайра **татбиқ намудан мумкин аст**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми фардии муаллиф дар

гирдоварӣ ва таҳқиқи маводи фаровони илмию адабӣ роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Валентин Алексеевич Жуковский ва дар ин замина бо далелҳои муътамад муайян намудани ҷойгоҳ ва мақоми ӯ дар адабиёти форсу тоҷик нимаи дувуми садаи XX мушаххас мешавад.

Шуъбаи таърихи адабиёти институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ диссертатсияи Алиев Султон Маҳмадшарифовичро дар мавзуи **«Таҳқиқи адабиёт ва фарҳанги мардуми эронӣ дар осори илмии В.А. Жуковский)»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – **Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ)** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ қабул гардид.

Иштирок дошт: 7 нафар, аз ҷумла 7 нафар аъзои сексия, иштирок доштанд, аз онҳо «тарафдор» -7, «муқобил»-нест, «бетараф» - нест, суратҷаласаи № 4, аз 12. 02. 2024.

Раисикунанда – ходими пешбари шуъбаи
таърихи адабиёт, номзади илмҳои
филологӣ,
E-mail: shamsiddin2010 @mail.ru
Телефон: (+992) 93 811 23 87 Ш. Муҳаммадиев

Котиб: З. Исматова
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 21.
Тел.: +992 (37) 227-29-07, 221-70-30,
E-mail: iza rudaki17@mail.ru, http://www. iza.tj

Имзои Ш. Муҳаммадиев ва
З. Исматоваро тасдиқ мекунам:

Нозири калони кадри Институти
забон ва адабиёти ба
номи Рӯдакии АМИТ Ҳ. Нарзиқулова